**Суратмаҷлиси №29**
**шурои диссертатсионии 6D. КОА-067**
оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ ва доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисосҳои 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик ва 10.01.09 – Фолклоршиносӣ) ва 10.02.00 - Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ)

9 июли соли 2024 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 15 нафар узви шурои диссертатсионӣ бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2022, №307/шд тасдиқгардида, 8 нафар иштирок доранд, ки 5 нафари онҳо доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Пешниҳод шуд, ки маҷлис кушода эълон карда шавад. Аъзои муҳтарами шуро, пешниҳоди дигар нест? Аъзои шуро хоҳиш намуданд, ки маҷлис кушода шавад. Якдилона пешниҳод ҷонибдорӣ карда шуд.

**Рӯзномаи маҷлис:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи **Ҷурақулзода Умрон Шодиқул** дар мавзуи “Хусусиятҳои лексикӣ-сохтории истилоҳоти иқтисодӣ дар забони тоҷикӣ” (дар асоси маводи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисодӣ ва луғатномаҳо) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ).

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ Назарзода Сайфиддин, аъзои комиссияи экспертӣ Раҳматуллозода Сахидод ва Нуров Пирмаҳмад хулосаи комиссияи экспертиро хаттӣ пешниҳод намуданд (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи **Ҷурақулзода Умрон Шодиқул** дар мавзуи “Хусусиятҳои лексикӣ-сохтории истилоҳоти иқтисодӣ дар забони тоҷикӣ” (дар асоси маводи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисодӣ ва луғатномаҳо) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Муқарризони расмӣ дар ҳайати зерин таъйин карда шаванд:

- **Ҳомидов Дилмурод Раҷабович** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- **Амлоев Аминҷон Ятимович** – номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбари диссертатсия – МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” таъйин карда шавад.
4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимоя дар сомонаи ИЗА ва КОА-и назди Президенти ҶТ ва чопи автореферат иҷозат дода шавад.
5. Таърихи рӯзи ҳимоя 24 сентябри соли 2024, соати $13^{30}$ таъйин карда шавад.

**Қарор қабул карда шуд:** якдилона.

Раиси шурои диссертатсионӣ
доктори илмҳои филологӣ Шарифзода Ф.Х.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Юсуфов У.